Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти унвони дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат.**

Мавзуи автореферати диссертатсия ба яке аз масъалаҳои калидии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати шуғлнокӣ ва бозори меҳнат, бахусус дар манотиқи деҳот бахшида шудааст. Муаллиф ҳадафи стратегии давлатро дуруст дарк намуда, на танҳо зиёд намудани шумораи ҷойҳои корӣ, балки таъсиси ҷойҳои кории устувор, самарабахш ва бо ҳифзи иҷтимоии боэътимодро ҳамчун самти афзалиятнок қайд мекунад.

Аз ҷониби муаллиф робитаи зичи байни шуғлнокӣ, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба таври мантиқӣ асоснок карда шудааст. Махсус қайд кардани саҳми калони аҳолии деҳот, ки зиёда аз 73 фоизи аҳолии кишварро ташкил медиҳад, дорои аҳамияти ҷиддии илмӣ ва амалӣ буда, зарурати таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии шуғлнокиро ҷиҳати истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои меҳнатии деҳот бо таври равшан асоснок менамояд.

Ҳамзамон дар автореферат унвонҷӯ масъалаи шуғлнокии аҳолии деҳотро ҳамчун яке аз омилҳои калидии рушди соҳаи кишоварзӣ ва пешрафти иқтисодиёти деҳот мавриди таҳлил қарор додааст, ки ин боиси нигаронӣ мебошад.

Тамоюлҳои афзоиши аҳолӣ, тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ, номувозинатии бозори меҳнат, афзоиши қувваи кории истифоданашуда ва сатҳи бекории аёну ноаён бо далелҳои рақамӣ асоснок шудаанд. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки сарфи назар аз коҳиш ёфтани сатҳи расмии бекорӣ, мушкилоти шуғлнокии деҳот боқӣ монда, бо паст будани ҳосилнокии меҳнат ва маҳдудияти имкониятҳои фоидаовар шиддат мегирад.

Бартарии асосии таҳқиқот дар он аст, ки шуғли алтернативӣ ва диверсификатсияи манбаъҳои даромад ҳамчун роҳи муҳими баланд

бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва коҳиш додани осебпазирии иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ мегардад. Ҳамзамон, вобастагии паҳншавии шуғли ғайрикишоварзӣ аз омилҳои дохилӣ ва берунаи хоҷагиҳои хонагӣ ба таври низомнок нишон дода шудааст.

Дар маҷмӯъ, матн дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд дар таҳияи сиёсати давлатии шуғл, барномаҳои рушди деҳот ва механизмҳои дастгирии шуғли алтернативӣ васеъ истифода шаванд. Таҳқиқот бо забони илмӣ, услуби мантиқӣ ва далелнокӣ фарқ намуда, ба талаботи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷавобгӯ мебошад.

Ба замми таҳлил ва омӯзиши амиқи предмети кори илмӣ, ки муаллиф аз тариқи роҳу усулҳои муаллифӣ таҳқиқи онро ба роҳ мондааст, баъзе норасоиҳо низ ҷой доранд, ба монанди:

1. Дар қисмати «Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо» аз тарафи муаллиф оиди эътимоднокии онҳо мушаххастар пешниҳод нагардидааст.
2. Бо вуҷуди сатҳи баланди илмии таҳқиқот, мувофиқ мебуд, агар муаллиф дар кор механизмҳои амалӣ ва тавсияҳои мушаххаси сиёсати давлатӣ оид ба рушди шуғли алтернативӣ дар деҳот бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ васеътар пешниҳод мегардиданд.

Норасоиҳои дар боло зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ба баҳои умумии кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд. Аз ин рӯ мешуморам, ки диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини директор оид ба илм, таълим
ва тайёр кардани кадрҳои илмии
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзии АИКТ — Одиназода Ш. Т.

Дурустии имзои Одиназода Ш. Т.-ро тасдиқ менамоям.

Нозири кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи рушди
системавии кишоварзии АИКТ — Икромова М. Қ.